ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ҚАРОР

## ДАР БОРАИ ТАСДИҚИ ҚОИДАҲОИ ТАШКИЛ, ШАРТҲОИ ГУЗАРОНИДАН ВА НОМГӮИ КОРҲОИ ҶАМЪИЯТИ

Мутобиқи моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳоли" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Қоидаҳои ташкил, шартҳои гузаронидан ва номгӯи корҳои ҷамъияти тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлати ҳар сол барномаҳои ташкили корҳои ҷамъиятиро таҳия ва амали намоянд.
3. Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 1991 № 374 "Дар бораи тартиби ташкил ва гузаронидани корҳои музднoки ҷамъияти" беэътибор дониста шавад.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

аз 4 марти соли 2005 № 93
ш. Душанбе